Дунё матоъ аст ва беҳтарин матоъи дунё зани солеҳа аст

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Дунё матоъ аст ва беҳтарин матоъи дунё зани солеҳа аст".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додаанд, ки дунё ва он чи дар он аст, гузаро ва барои баҳра бурдан барои як замони кӯтоҳ ва муаян аст ва аз ҳама беҳтарини ин неъматҳо зани покдоман аст, ки чун мард ба ӯ назар кунад хушҳолаш кунад, ва чун фармонаш диҳад фармонбардорӣ кунад ва чун дар хона набошад худ ва молашро ҳифз мекунад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5794